**«Тасдиқ мекунам»**
Ректори Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, доктори илмҳои техникӣ, профессор ______
Назарзода Х.Х.
«27» ноябри соли 2025

# ТАҚРИЗИ

**муассисаи пешбар ба диссертатсияи Буриев Шоҳин Муддинович дар мавзӯи «Мукаммалгардонии хизматрасониҳои бонкии ташкилотҳои маблағгузории хурд дар шароити муосир», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз).**

## 1. Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст

Диссертатсияи Буриев Шоҳин Муддинович дар мавзӯи «Мукаммалгардонии хизматрасониҳои бонкии ташкилотҳои маблағгузории хурд дар шароити муосир», воқеан ба бандҳои 9.3, 10.1, 10.10, 10.18, 10.22, 10.23-и шиносномаҳои ихтисосҳои соҳаи илмҳои иқтисодӣ (қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 майи соли 2023, №6) аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) мутобиқ мебошад.

## 2. Мубрамияти таҳқиқоти диссертатсионӣ

Дар шароити муосири иқтисодӣ, рушди бозори маблағгузории хурдро дар бахши молия метавон яке аз масъалаҳои мубрам арзёбӣ намуд. Зеро, ҳоло ташкилотҳои маблағгузории хурд, ҳамчун унсури муҳими низоми бонкӣ дар баробари дигар институтҳои молиявӣ ба пешниҳоди васеъи қарзҳои истеъмолӣ машғул мебошанд. Инчунин, ташкилотҳои маблағгузории хурд шартҳои чандири қарзиро ба муштариён пешниҳод менамоянд, ки имконияти ҷалби муштариёнро меафзояд. Бухрони молиявии ҷаҳонӣ, ки таъсири он ба Ҷумҳурии Тоҷикистон назаррас буд, фаъолияти муътадили бозори маблағгузории хурдро халалдор намуда, ба фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурд таъсири манфӣ расонид. Бинобар ин, ҳоло барои низоми маблағгузории хурди кишвар масъалаи мукаммалгардонии хизматрасониҳои бонкии ташкилотҳои маблағгузории хурд ва мусоидат ба рушди устувори он масъалаи асосӣ ба шумор меравад.

Таҷрибаи хориҷии рушди бозори маблағгузории хурд собит менамояд, ки зарурати ташкили муҳити мувофиқ (аз ҷумла: такмилдиҳии низоми қонунгузорӣ, механизмҳои танзим, инфрасохтори зарурӣ ва ғайраҳо), яке аз масъалаҳои калидӣ ҷиҳати такмилдиҳии хизматрасониҳои бонкии ташкилотҳои маблағгузории хурд мебошад. Таърихан бозори мазкур дар баробари рушди давомнок, ҳамчунин дар баъзе мавридҳо дорои тамоюли коҳишёбӣ низ буд, ки дар ин марҳила муътадилии бозор маҳз тавассути мукаммалгардонии хизматрасониҳои бонкии ташкилотҳои маблағгузории

хурд ва сафарбар намудани диққати асосии ин ташкилотҳо ба соҳаҳои тиҷорати хурду миёна ва аҳолии камбизоат бартараф карда шуд.

Дар шароити муосир такмили хизматрасониҳои бонкии ташкилотҳои маблағгузории хурд аҳаммияти бузург дорад. Аз ҳамин нуктаи назар, ҳадаф ва вазифаи асосии таҳқиқоти илмии муҳаққиқ ин мукаммалгардонии хизматрасониҳои бонкии ташкилотҳои маблағгузории хурд ба ҳисоб рафта, мубрамияти он бараъло маълум мебошад.

### 3. Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ (бо нишон додани навгонӣ, аҳаммияти илмӣ ва амалии онҳо)

**Аз нигоҳи мо унсурҳои навгониҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ, ки муаммоҳои илмии аз тарафи муҳаққиқ гузошташударо хеле саҳеҳ тавсия медиҳанд, чунинанд:**

1. Муҳаққиқ дар асоси таҳқиқ ва баррасии асосҳои назариявӣ ва консепсияҳои соҳавии вуҷуддошта ташкилотҳои маблағгузории хурд, маблағгузории хурд ва хизматрасониҳои ташкилотҳои маблағгузории хурд, моҳияти иқтисодии маблағгузориҳои хурдро аз нигоҳи мактабҳои иқтисодӣ мушаххас намуда, роҳу усулҳои пешниҳоди маҳсулотҳои бонкиро аз ҷониби ташкилотҳои маблағгузории хурд таҳия намудааст;

2. Муаллиф дар рисолаи илмӣ хусусиятҳо ва принсипҳои таҳияи хизматрасониҳои бонкии ташкилотҳои маблағгузории хурдро баррасӣ намуда, муайян намудааст, ки бе риояи онҳо дар низоми маблағгузориҳои хурд метавонад муаммоҳои зиёде ба вуҷуд ояд. Ҳамзамон, дар ин қисмат такмилдиҳии асосҳои институтсионалӣ ба сифати яке аз унсурҳои муҳим дар самти таъмини самаранокии фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурд баён гардида, бахри такмили он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон омӯзиш ва истифодаи таҷрибаи як қатор кишварҳои ҷаҳон, аз қабили: Ҷумҳурии Белорус, Ҷумҳурии Гурҷистон, Ҷумҳурии Лаҳистон ва Федератсияи Русия дар самти таҳкими заминаҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ, рушди хизматрасониҳои фосилавии бонкӣ, таъмини рушди интернет-бонкинг, истифодаи чат-ботҳо, роҳандозии қарзҳо тариқи онлайн ва ғайраҳо муҳим арзёбӣ мегардад;

3. Бо таҳқиқи вазъи муосири бозори маблағгузории хурд мушаххас гардидааст, ки дар нишондиҳандаҳои молиявии ташкилотҳои маблағгузории хурди ватанӣ тамоюли зиёдшавӣ ҷой дошта, дар шакли мисол таносуби ҳаҷми қарзҳои хурди ташкилотҳои маблағгузории хурд нисбат ба қарзҳои умумии низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқ гардида муайян шудааст, ки ҳиссаи он дар давраи таҳлилӣ аз 17,3 то андозаи 20,9 фоиз афзудааст. Аз сабаби оне, ки таъсири фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурд ба нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ назаррас мебошад, пас бо истифода аз усулҳои риёзву иқтисодӣ алоқамандии нишондиҳандаҳои молиявии ташкилотҳои маблағгузории хурд ба яке аз нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ, яъне маҷмуи маҳсулоти дохилӣ муқоиса ва ниҳоятан ҷой доштани таъсири мусби нишондиҳандаҳои молиявии ташкилотҳои маблағгузории хурд ба рушди маҷмуи маҳсулоти дохилӣ баррасӣ шудааст. Илова ба ин, бо роҳи арзёбии фаъолияти ҶСП ТАҚХ «Имон Интернешнл» дурнамои рушди фаъолияти он то соли 2030 коркард ва таҳия шудааст;

4. Аз ҷониби муаллиф такмили низоми хизматрасониҳои ташкилотҳои маблағгузории хурд бо роҳҳои рушди технологияи инноватсионӣ, рушди инфрасохтори рақамӣ ва тақвияти заминаҳои қонунгузорӣ тавсия шуда, муайян гардидааст, ки дар ҳолати амалигардонии роҳҳои мазкур, фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурд тақвият меёбад. Дар баробари ин, дар рисолаи илмӣ он мушкилоти иқтисодӣ-ташкилие, ки дар раванди таҳияи хизматрасониҳои бонкӣ дар низоми маблағгузориҳои хурд ҷой доранд, аз нуқтаи назари институтсионалӣ арзёбӣ гардида, имкониятҳои бартарафсозии мушкилоти ҷойдошта дар доираи фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурд пешниҳод шудааст.

## 4. Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда

Натиҷаҳои мушаххаси доктори фалсафа (PhD) Буриев Шоҳин Муддинович боиси он мегардад, ки дар таҳқиқоти диссертатсионӣ эътимоднокии хулосаҳо бо натиҷаҳои амалӣ ва таҳлилҳои соҳавӣ асоснок гардида, муаллиф як қатор нишондиҳандаҳоро мавриди баррасӣ ва арзёбӣ қарор додааст, ки дар онҳо моҳияти амалӣ ва назариявии самтҳои асосии мукаммалгардонии хизматрасониҳои бонкии ташкилотҳои маблағгузории хурд ҳамчун натиҷа ифода мегарданд. Ҳамчунин, таҳлили нишондиҳандаҳои соҳавӣ бо сарчашмаҳои дақиқи соҳа асоснок гардидаанд, ки ифодаи онро дар матни рисола мушоҳида намудан мумкин аст.

## 5. Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо

Аҳаммияти илмӣ - назариявии таҳқиқот дар таҳкими равишҳои илмӣ ба дарки масъалаи такмили хизматрасониҳои бонкии ташкилотҳои маблағгузории хурд, таҳлили вазъи муосири бозори маблағгузории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ифода меёбад. Омӯзиш ва банизомдарории нуқтаҳои назари гуногун имкон дод, то роҳҳои такмили хизматрасониҳои бонкии ташкилотҳои маблағгузории хурд мушаххас гардида, хусусиятҳои он ҷиҳати баландбардории нақши технологияҳои муосири молиявӣ-бонкӣ дар ташаккули фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурд муайян карда шаванд. Муқаррар карда шуд, ки ҷорисозии технологияҳои муосири бонкӣ дар фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурд бештар аз ҳаҷми сармояи ташкилотҳои марбута, мавҷудияти мутахассисон дар самти таъмини фаъолияти самараноки технологияҳои муосири инноватсионӣ ва ғайраҳо вобастагӣ дорад.

**Аҳаммияти амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Аҳаммияти илмии таҳқиқот аз он иборат мебошад, ки таҳқиқот ва пешниҳоду тавсияҳои аз ҷониби муаллиф бадастоварда аз он иборат мебошад, ки он масъалаҳои мубрами хизматрасониҳои бонкии ташкилотҳои маблағгузории хурдро фаро гирифта, онҳо ба муваффақиятҳои ташкилотҳои маблағгузории хурд дар сатҳи зарурӣ ва ба рушду суботи низоми маблағгузории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсири ҳамаҷониба мерасонанд. Ҳамзамон, қайд кардан зарур аст, ки пешниҳодҳои дар диссертатсия таҳиягардида, метавонанд барои

беҳтаргардии рақобати ташкилотҳои маблағгузории хурд дар бозори хизматрасониҳои бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат намоянд.

**Аҳаммияти иқтисодии натиҷаҳои диссертатсия** масъалаҳоеро дар бар мегирад, ки онҳо аз тарафи муаллифи рисола ҷиҳати беҳтарсозии сифати хизматрасониҳои бонкии ташкилотҳои маблағгузории хурд ва тақвияти вазъи иқтисодию иҷтимоии кишвар мебошад. Албатта, хизматрасониҳои бонкии ташкилотҳои маблағгузории хурд аҳаммияти баланди иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсӣ дошта, он яке аз муҳаррикҳои асосии пешрафт маҳсуб меёбад. Бахши маблағгузории хурд яке аз омилҳои пешрафти иқтисоди миллӣ арзёбӣ гардида, онро муаллиф дар рисолаи илмии худ мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор дода, ба натиҷаҳои назаррас ноил гардидааст. Ҳамзамон, гуфтан ба маврид аст, ки татбиқи воқеии натиҷаҳои бадастовардаи рисола ва дар ҳамин замина дар амал татбиқ намудани он аҳаммият ва манфиати умумииқтисодӣ доранд.

**Аҳаммияти иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия**. Дар шароити муосири хоҷагидорӣ хизматрасониҳои бонкии ташкилотҳои маблағгузории хурд бо табақаҳои гуногуни ҷомеа, аз он ҷумла аҳолии ниёзманди кишвар ҳамкории зич дошта, дар беҳтарсозии сифати зиндагии онҳо ва дар маҷмуъ бо рушди иқтисодиёти миллӣ мавқеи калидӣ доранд. Аз ҳамин лиҳоз, хизматрасониҳои бонкии ташкилотҳои маблағгузории хурд дар шароити муосир яке аз масъалаҳои асосие мебошад, ки бевосита ба манфиати ҷомеа ва иқтисодиёт нигаронида шудааст. Илова бар ин, мавриди қайд аст, ки ҳарчи бештар такмилёбии хизматрасониҳои бонкии ташкилотҳои маблағгузории хурд дар сатҳи кишвар таъмин гардад, пас ҳамон қадар ҳамбастагии он бо муҳити иҷтимоии кишвар афзун гашта, таъсири он ба рушди иқтисоди миллӣ бештар мегардад.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Ҳамаи давраҳои иҷроиши нақшаи кори илмӣ, таҳияи мавзуъ, асосноккунӣ ва мубрамияти он, мақсадҳои гузошташуда ва иҷрои вазифаҳо аз ҷониби муаллиф ба анҷом расонида шудаанд. Дар раванди таҳқиқот муаллиф ба асосҳои илмии хизматрасониҳои бонкӣ дар ташкилотҳои маблағгузории хурд, вазъи муосири бозори маблағгузории хурди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таъсири иқтисоди рақамӣ ба он, таҳлили фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурд ва нақши онҳо дар инкишофи нишондиҳандаҳои сохторӣ-молиявии низоми бонкӣ, инфрасохтори муосири рақамӣ ҳамчун фишанги муҳими тақвияти хизматрасониҳои бонкӣ, баландбардории нақши давлат дар таъмини фаъолияти самараноки ташкилотҳои маблағгузории хурд, такмилдиҳии асосҳои институтсионалӣ вобаста ба хизматрасониҳои бонкии ташкилотҳои маблағгузории хурд инъикос менамояд. Натиҷаҳои таҳқиқот дар шакли хулоса ва пешниҳодҳо дар мақолаҳои илмӣ ҳамчун натиҷа ва коркардҳои қаблии муаллиф пешниҳод гардидаанд.

**6. Мазмуни кори диссертатсионӣ.** Дар муқаддима мубрамӣ ва зарурати таҳқиқот асоснок карда шуда, тавсифи умумии таҳқиқ таҳия гардида, нуктаҳои ҳимояшавандаи диссертатсия ва истифодаи натиҷаҳои он возеҳ кушода шудаанд.

**Боби якуми диссертатсия «Асосҳои назариявии хизматрасониҳои бонкӣ дар ташкилотҳои маблағгузории хурд»** ном гирифта, дар он таҳқиқи ҷанбаҳои назариявии хизматрасониҳои бонкӣ, маблағгузории хурд ва аҳаммияти он дар иқтисодиёт, хусусиятҳо ва принсипҳои таҳияи хизматрасониҳои бонкӣ аз ҷониби ташкилотҳои маблағгузории хурд, таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ вобаста ба такмилдиҳии хизматрасониҳои бонкӣ дар низоми маблағгузориҳои хурд таҳқиқу баррасӣ гардида, пешниҳодҳои ҳадафманд оварда тавсия шудаанд (саҳ. 14-56).

**Дар зербоби 1.1.**-и диссертатсия доктори фалсафа (PhD) иброз медорад, ки нақши маблағгузории хурд дар ташаккули вазъи иқтисоди миллӣ зиёд мебошад ва бидуни моделҳои мушаххас он рушди бемайлони иқтисодиро таъмин накарда, эҳтимолияти расидан ба натиҷаҳои заруриро коҳиш медиҳад. Вале миёни моделҳои баррасигардида, 3 модели асосӣ (ба мисли: моделҳои «Иттифоқҳои қарзӣ, кооперативҳои қарзӣ», «Қарздиҳии мустақим тавассути бонкҳои тиҷоратӣ» ва модели «Апексӣ») - е ҷой доранд, ки ҳоло дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди истифода қарор гирифтаанд. Дар баробари ин, муҳаққиқ пешниҳод намудааст, ки ҳоло ташкилотҳои маблағгузории хурд бо ҳисоби манфиатҳо, имконияти истифода намудан аз моделҳои «Бонки деҳот» ва «Лотинӣ-амрикоӣ»-ро доро мебошад (саҳ. 25). Илова бар ин, бахши маблағгузории хурд ҳамчун яке аз унсурҳои калидӣ ва муҳимми иқтисодӣ омили асосӣ ҷиҳати татбиқи сиёсати иҷтимоии кишвар маҳсуб меёбад. Зеро, нисбат ба дигар бахшҳои хоҷагидорӣ, бахши маблағгузории хурди ҳар як кишвар дар пешбурди иқтисодиёт, аз қабили: -коҳишдиҳии сатҳи ниёзмандӣ дар қаламрави кишвар; -тақвияти имкониятҳои сармоягузорӣ; -мусоидат ба ташаккули вазъи соҳаи кишоварзӣ; -паст намудани хавфҳои молиявӣ ва ғайраҳо нақши сазовор дорад (саҳ. 27).

**Дар зербоби 1.2.** муҳаққиқ чунин иброз медорад, ки таъмини аҳолӣ бо хизматрасониҳои бонкӣ яке аз масъалаҳои муҳим арзёбӣ гардида, ба сифати омили муҳим баҳри тоб овардани ташкилотҳои маблағгузории хурд ба рақобатпазирии шадид дар бозори хизматрасониҳои бонкӣ, доираи хизматрасониҳои таҳияшавандаи бонкӣ ва сифати онҳо баромад менамоянд. Муҳақиқ бозори хизматрасониҳои бонкии ташкилотҳои маблағгузории хурди ватаниро таҳқиқ намуда, мушаххас сохтааст, ки яке аз омилҳои муҳим дар самти афзоиши даврагии шумораи хизматрасониҳои бонкии ташкилотҳои маблағгузории хурд ҷой доштани тамоюли рушди бозори технологияҳои муосир ба шумор рафта, бо ҳисоби ин аз ҷониби муҳақиқ хизматрасониҳои бонкии ташкилотҳои маблағгузории хурд гурӯҳбандӣ гардидаанд (саҳ.36). Ба ақидаи муаллиф бозори хизматрасониҳои бонкии ташкилотҳои маблағгузории хурд нисбат ба бонкҳо дорои як қатор хусусиятҳо ва принсипҳои муқоисавӣ мебошад, ки бо мушаххаснамоии онҳо метавон мақоми ташкилотҳои маблағгузории хурдро дар бозори хизматрасониҳои бонкӣ муайян намуд (саҳ.37-39).

**Дар зербоби 1.3**. аз ҷониби доктори фалсафа (PhD), асосҳои институтсионалӣ ба ҳайси яке аз омилҳои асосӣ ҷиҳати такмили низоми хизматрасониҳои бонкии ташкилотҳои маблағгузории хурд баррасӣ гардида, бо ҳисоби омӯзиши андешаҳои намояндагони мактабҳои институтсионалӣ ва

неоинститутсионалӣ сохтори институтсионалии низоми маблағгузории хурди ватанӣ ва вазъи имрӯзаи он муайян шудааст (саҳ. 40-42). Ҳамзамон, самтҳои афзалиятноки таҷрибаи кишварҳои ҷаҳон оид ба тақвияти хизматрасониҳои бонкии ташкилотҳои маблағгузории хурд таҳлил гардида, ҷараёни ташаккул ва рушди он баррасӣ шудааст. Дар диссертатсия қайд гардидааст, ки низоми маблағгузории хурд дар кулли кишварҳои ҷаҳон дорои самтҳои мушаххаси афзалиятнок мебошад. Дар робита ба ин, таҷрибаи ташаккули низоми маблағгузории хурди кишварҳои мухталиф ба монанди: Федератсияи Русия, ИМА, Ҷумҳурии Белорус, Ҷумҳурии Гурҷистон, Ҷумҳурии Лаҳистон, Ҷумҳурии Аргентина ва Ҷумҳурии Федеративии Бразилия мавриди баррасӣ қарор дода шуданд. Бо ҳисоби таҳқиқи самтҳои афзалиятноки рушди низоми маблағгузории хурд дар ин кишварҳо ба хулосае омадан мумкин аст, ки роҳу равишҳо баҳри рушди низоми марбута дар кишварҳои таҳқиқшуда ба ҳам шабоҳат доранд, вале дастгирии давлатӣ, сатҳи истифодаи технологияҳои рақамӣ ва таъмини фаъолияти густурдаи мушовирони асосии ташкилотҳои маблағгузории хурд (яъне, Ассотсиатсияҳои ташкилотҳои маблағгузории хурд) дар ин кишварҳо аз ҳамдигар фарқ менамоянд. Вобаста ба ин, қайд гардидааст, ки тақвияти хизматрасониҳои бонкии ташкилотҳои маблағгузории хурди Ҷумҳурии Тоҷикистон бо истифода аз таҷрибаҳои Ҷумҳурии Белорус, Ҷумҳурии Лаҳистон ва Ҷумҳурии Гурҷистон ба мақсад мувофиқ мебошад (саҳ. 55-56).

**Боби дуюми диссертатсия «Таҳлил ва баҳодиҳии ҳолати муосири хизматрасониҳои бонкии ташкилотҳои маблағгузории хурд дар низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон»** унвон гирифта, дар он вазъи муосири бахши маблағгузории хурди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таъсири он ба таҳкими нишондиҳандаҳои макроиқтисодии кишвар, арзёбии фаъолияти ҶСП ТАҚХ «Имон Интернешнл» ва нақши он дар инкишофи нишондиҳандаҳои сохторӣ-молиявии бахши маблағгузории хурд, рақамикунонии ташкилотҳои маблағгузории хурд ҳамчун омили такмилдиҳандаи хизматрасониҳои бонкии ташкилотҳои марбута, мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор дода шудааст (саҳ. 57-99).

**Дар зербоби 2.1**. муаллиф ҳангоми таҳлили ҷадвали 2.4. муайян намудааст, ки дар соли 2023 ҳаҷми ин нишондиҳанда дар низоми қарзӣ афзоиш ёфтааст, ки он аз стратегияи пешгирифтаи ташкилотҳои маблағгузории хурд вобаста аст. Ҳаҷми қарзҳои хурд дар ин давра дар соҳаи истеъмолот 1,97 млрд. сомониро ташкил додааст, ки ин нишондиҳандаи аз ҳама баландтарин дар низоми қарзҳои хурд аз рӯи соҳаҳо мебошад. Дар соҳаи кишоварзӣ бошад ҳаҷми қарзҳои ташкилотҳои маблағгузории хурд 1,44 млрд. сомониро ташкил дод, дар соҳаи хизматрасонӣ бошад ҳаҷми қарзҳои хурд дар соли 2023 ба 0,60 млрд. сомонӣ баробар шудаанд (саҳ. 62).

**Муаллиф дар асоси таҳлилҳои анҷомёфта, дар зербоби 2.2.** (ҷадвали ТАҚХ «Имон Интернешнл» тамоюли хаттӣ дошта, дидан мумкин аст, ки нишондиҳандаҳои молиявии ҶСП ТАҚХ «Имон Интернешнл» дар соли 2023 нисбат ба соли 2016 ба таври динамикӣ тағйир ёфтаанд. Зеро агар ҳаҷми

дороиҳо, уҳдадориҳо ва саромяи ҶСП ТАКХ «Имон Интернешнл»дар давраи таҳқиқотӣ дар ҳудуди 1,2 маротиб афзоиш ёфта бошанд, пас ҳаҷми сандуқи қарзии ин ташкилот 1,5 маротиб ташаккул ёфтааст. Илова бар ин, баҳри оядабинии фаъолияти ҶСП ТАКХ «Имон Интернешнл», инчунин бо истифода аз модели қатори вақтӣ дурнамои нишондиҳандаҳои молиявии он то соли 2030 мушаххас гардидааст. (саҳ. 86).

**Дар зербоби 2.3.**-и рисолаи илмӣ ҳангоми омӯзиш ва таҳқиқи вазъи рақамикунонӣ дар низоми маблағгузории хурд, дараҷаи таъсири рақамикунонӣ ба фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурд мушаххас шуда, қайд гардидааст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин замина аз соли 2019 инҷониб Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди амал қарор дода шудааст. Ҳамчунин баҳри гузариш ба рақамикунонии фаъолият, ба ташкилотҳои маблағгузории хурд истифодаи моделҳои зерини татбиқи дурнамои рақамикунонӣ тавсия шудааст: -модели конфедеративӣ, -модели хизматрасонии муштарак, -модели марказҳои салоҳиятҳои стратегӣ ва модели амалиёти рақамӣ (саҳ. 90).

**Боби сеюми диссертатсия «Самтҳои афзалиятноки тақвияти хизматрасониҳои бонкии ташкилотҳои маблағгузории хурд»** ном гирифта, дар он тақвияти ҷанбаҳои афзалиятноки инфрасохтори муосири рақамӣ дар шароити муосири иқтисодӣ, бартарафсозии муаммоҳои ҷойдошта дар самти такмилдиҳии хизматрасониҳои бонкии ташкилотҳои маблағгузории хурд, тақвияти низомҳои дохилаи ташкилотҳои маблағгузории хурд вобаста ба сифати хизматрасониҳои бонкӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шудаанд, (саҳ.100-152).

**Масъалаҳои дар зербоби 3.1.** таҳлилгардида нишон медиҳанд, ки инфрасохтори муосири рақамӣ бояд тавре роҳандозӣ гардад, ки бо фарогирии он дар низоми маблағгузории хурд, ба пешрафти минбаъдаи он таъсири мусбӣ мегузорад. Танҳо дар ин замина, мо метавонем, ки ба такмили фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурд дастёб гардида, тақвияти бахши маблағгузории хурдро роҳандозӣ созем то аҳаммияти рақамикунонӣ вобаста ба рушди пайвастаи низоми маблағгузории хурд афзӯн гардад. Илова бар ин, ба сифати яке аз заминаҳои муҳим дар самти такмилидиҳии фаъолияти рақамии ташкилотҳои маблағгузории хурдро муаллиф дар ҷорӣ сохтани технологияҳои мушаххаси рақамӣ вобаста ба самтҳои алоҳидаи фаъолияти ташкилотҳои марбута, аз ҷумла: -Адтех; -Финтех; -Регтех ва ғайраҳо медонад, ки ба назари мо ба мақсад мувофиқ мебошад (саҳ. 111).

**Дар зербоби 3.2**.-и диссертатсия муаллиф исбот кардааст, ки фаъолияти густурда ва самараноки ташкилотҳои маблағгузории хурд дар ҳамон ҳолат натиҷаи мусбӣ медиҳад, агар муаммоҳои дар он ҷойдошта дақиқ баррасӣ гардида, роҳҳои афзалиятноки ҳалли онҳо коркард шавад. Дар ҳолати баръакс, муаммоҳои ҷойдошта ба фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурд таъсири манфӣ расонида, боиси коҳишёбии ҳолати молиявии онҳо мегардад. Таҳқиқот нишон медиҳанд, ки яке аз муаммоҳои ҷойдошта бо риоя нагардидани принсипҳои идоракунии корпоративӣ дар фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурд асос ёфта, баҳри бартарафсозии он самтҳои мушаххас ҷиҳати такмили низоми идоракунии корпоративӣ дар

фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурди ватанӣ таҳия гардидааст (саҳ. 129).

**Дар зербоби 3.3.** -и диссертатсия муҳаққиқ дуруст иброз медорад, ки сифати хизматрасонии бонкӣ аз дараҷаи қонеъ гардидани талаботи муштариён бо хизматрасониҳои бонкӣ вобастагӣ дорад. Зеро таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар ҳолати паст будани сифати хизматрасониҳои бонкӣ, талаботи муштариён бо хизматрасониҳои мазкур қонеъ нагардида, ба пайдоиши арзу шикоятҳои гуногун замина мегузорад. Дар баробари ин, дар таҳқиқот, арзёбии сифати хизматрасониҳои бонкӣ ҳамчун яке аз масъалаҳои муҳим баррасӣ гардида, истифодаи усулҳо бо роҳи назарсанҷии муштариён, усулҳои нисбатан самаранок дар ин самт мушаххас гардидаанд. Вобаста ба ин, як қатор усулҳои баҳогузории сифати хизматрасониҳои бонкӣ бо роҳи назарсанҷии муштариён аз ҷониби муаллиф пешниҳод шудааст, ки қобили қабул арзёбӣ намудан мумкин аст (саҳ. 135-145).

Дар қисмати хулосаи диссертатсия натиҷаҳои асосии таҳқиқ ҷамъбаст ва дар асоси онҳо тавсияҳои дахлдор ироа гардидаанд.

**7. Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба шаклгирии диссертатсия**

Дар баробари муваффақиятҳо, дастоварду пешниҳодҳои дақиқи илмӣ, дар кори диссертатсионӣ баъзе камбудиҳо низ ба назар мерасанд, ки ба инобат гирифтани онҳо барои таҳқиқоти ояндаи диссертант аз аҳаммият холӣ нестанд:

1. Дар самти асоснок намудани мавзуи таҳқиқот бо Стратегияҳои давлатӣ ва ақидаҳои олимони ватанӣ ба мақсад мувофиқ буда, зарур мебояд асосҳои назариявии рисоларо мустаҳкам менамуд, хуб мешуд доктори фалсафа (PhD) ба ин омил таваҷҷуҳ зоҳир мекард;

2. Дар зербоби 1.1., давраҳои ташаккулёбии истилоҳи «маблағгузории хурд», ки дар шакли ҷадвали 1.2. таҳия гардидааст, бештар ба олимони хориҷӣ такя менамояд, хуб мешуд агар дар ин самт ақидаҳои олимони ватанӣ низ бештар мавриди истифода қарор мегирифт;

3. Дар зербоби 1.3. асосҳои институтсионалии хизматрасониҳои бонкии ташкилотҳои маблағгузории хурд таҳқиқ шудааст, бисёр ба маврид мебуд, агар муаллиф сохтори низоми институтсионалиро аз нигоҳи намояндагони мактабҳои институтсионалӣ ва неоинституционалӣ пешниҳод менамуд ва методологияи истифодаи онро нисбат ба ташкилотҳои маблағгузории хурди дар Ҷумҳурии Тоҷикистон амалкунанда асоснок мекард;

4. Дар боби якуми диссертатсия муаллиф на дар ҳама ҳолатҳо фикри худро доир ба иқтибосҳо ва нуктаҳои баҳсталаб пурра манзур кардааст;

5. Зербоби 2.2. арзёбии фаъолияти ҶСП ТАҚХ «Имон Интернешнл» дар низоми маблағгузории хурд номгузорӣ карда шудааст, аммо дар вақти таҳлил муаллиф аз усулҳои баҳодиҳӣ камтар истифода бурдааст, хуб мешуд агар муаллиф дар раванди таҳқиқот аз усулҳои дигар мисоли: усулҳои идоракунии хавфҳо ва дигар усулҳои баҳогузорӣ истифода мекард;

6. Дар боби дуюми диссертатсия муаллиф бисёр маълумотҳои оморӣ, факту далелҳо илмиро ҷамъоварӣ карда, таҳлилҳо гузаронида аст, аммо на ҳамаи таҳлилҳо дар хулосаи боби дуюми диссертатсия нишон дода шудааст;

7. Бисёр бамаврид мебуд, агар дар боби сеюми диссертатсия муаллиф мушкилиҳои дар ин самт ҷойдоштаро гуруҳбандӣ намуда, роҳу воситаҳои аз байн бурдани онҳоро пешниҳод мекард.

**8. Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмии дархостшаванда**

Чуноне аз шиносоӣ бо муҳтавои асноду мадорики пешниҳоднамудаи унвонҷӯ Буриев Шоҳин Муддинович бармеояд, тахассуси илмии ӯ ба дараҷаи илмии дархостнамудааш доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) мувофиқат мекунад. Натиҷаҳои илмии бадастовардаи муаллифи диссертатсия ба тахассуси илмии довталаби дараҷаи илмӣ ва талабот ба чунин намуди корҳо мувофиқат мекунанд. Ҳангоми тавсифи довталаб ба ҳайси корманди илмӣ сифатҳои шоистаи ӯро, чун донишомӯзӣ, қатъият, масъулиятшиносӣ, қобилияти дар сатҳи баланд ташкил кардани корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, мустақилона қабул намудани қарорҳо ва муайян кардани роҳҳои расидан ба ҳадаф ва вазифаҳои гузошташуда, махсус бояд таъкид кард.

**9. Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ**

Аз рӯйи мавзуи таҳқиқ 16 мақолаи илмӣ, аз он ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризашаванди КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудааст.

**10. Мувофиқати матни автореферат бо мазмуни диссертатсия**

Автореферат бо мазмуни диссертатсия мувофиқ мебошад. Он дар шакли фишурда, мундариҷаи асосӣ ва сохтори диссертатсияро инъикос намуда, асоснокӣ, муҳим будан, навгонии таҳқиқ, аҳаммияти назариявию амалӣ ва хулосаҳои асосии таҳқиқро пурра тавсиф менамояд. Автореферат ва корҳои нашршуда бо мазмун ва муҳтавои бобу фаслҳои рисола, маводи батабърасида (рисола ва 16 мақола, ки 5 адади он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон) чоп шудааст, мувофиқ мебошанд.

**11. Хулосаи умумӣ.**

Дар маҷмуъ, таҳқиқоти диссертатсионии Буриев Шоҳин Муддинович дар мавзӯи «Мукаммалгардонии хизматрасониҳои бонкии ташкилотҳои маблағгузории хурд дар шароити муосир», таҳқиқоти нав буда, дорои навгониҳои илмии аҳаммияти назариявӣ ва амалидошта мебошад ва яке аз мавзуъҳои нисбатан камтаҳқиқшуда, мубрам ва баҳсталаби доираи илмҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб меёбад. Диссертатсия ба талаботи Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таҳияи диссертатсияҳои дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз), ҷавобгӯ буда, муаллифи диссертатсия Буриев Шоҳин Муддинович сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) мебошад.

Тақриз дар ҷаласаи кафедраи фаъолияти бонкии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон муҳокима ва тасдиқ шудааст (Протоколи №4 аз 25.11.2025)

Дар ҷаласаи кафедра 10 нафар иштирок доштанд. Натиҷаи овоздиҳӣ: Тарафдор 10 нафар, зид нест, бетараф нест.

Раис, дотсенти кафедраи
фаъолияти бонкӣ, номзади
илмҳои иқтисодӣ, дотсент Султонов З.С.

Ташхисгар,
номзади илмҳои иқтисодӣ, и.в. дотсент Ҳалимов Л.М.

Котиби ҷаласа:
Номзади илмҳои иқтисодӣ, муаллими калон Сафарова М.Б.

**Суроға:** 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кучаи Деҳоти, 1/2.
Телефон: +992 (37) 234-85-46
E-mail: tguk@mail.ru, tguk2025@gmail.com
Сомонаи расмӣ: http://www.tguk.tj

Имзоҳои Султонов З.С., Ҳалимов Л.М., ва Сафарова М.Б.-ро тасдиқ менамоям:

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси ДДТТ Пирзода С.С.